# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертасияи Намозов Амонулло Каримхонович дар мавзуи «Омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ**

Кори диссертатсияи Намозов Амонулло Каримхонович ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои асосии соҳаи селексияи экологии баҳодиҳӣ ба нашъунамои навъҳои себ дар шароити водии Ҳисор, омӯхтани хусусиятҳои тобоварӣ ба шароити табиӣ, хушкӣ, таркиби хок ва ҳарорати ҳаво бахшида шудааст. Таҳқиқоти гузаронидаи ӯ асосан аз муайян намудани самаранокии навъҳои себ тавассути омӯхтани навъҳои маҳаллӣ ва шаклҳои ёбоии он дар муқоиса бо навъҳои воридшуда, ки имкон медиҳад навъу шаклҳое муайян карда шаванд, ки дорои хусусиятҳои баланди аломатҳои пурқимат барои селексия ва ғани гардонидани навъҳои пурмаҳсули себ дар мамлаккат иборат мебошад.

Намозов А.К. бори аввал дар Ҷумхурии Тоҷикистон бо истифода аз усулҳои муқарраршуда хусусиятҳои агробиологии навъҳои маҳаллӣ, навъҳои воридшуда ва шаклҳои ёбоии себ ва қонуниятҳои зуҳуроти нерӯи мутобиқшавӣ ва маҳсулнокии навъу шаклҳои ояндадори себро вобаста ба тағйирёбии иқлим ва хосияти навъӣ дар шароити водии Ҳисор муайян ва бахогузорӣ намудааст.

Натиҷаи таҷрибаҳои саҳроӣ нишон дод, ки ташаккулёбии ҳосили навъу шаклҳои себ бо хусусиятҳои биологиашон нисбат ба шароити обу ҳаво вобастагии калон доранд. Тибқи натиҷаҳои таҳқиқот навъҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва ёбоие, ки иқтидори ҳосилнокиашон баланд мебошанд барои истифода бурдан дар истеҳсолот, ва дар бунёди боғҳои интенсивӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Аз таҳлилҳои Намозов А.К. бармеояд, ки нишондиҳандаҳои характерноки таркиби моддаҳои гуногун дар меваҳои себ бо назардошти хусусиятҳои навъию шаклӣ муқаррар шуда, миқдори миёнаи қанд дар меваҳои себҳои маҳаллӣ худуди 9,9-17,5 % буд, ки аз он дар навъҳои маҳаллии Гулсеб 10,0%, Чарсаксеб 11,5%, Шакарсеб 17,3%, Тирамоҳӣ 13,4%, Рауфӣ 11,0%, дар меваҳои навъҳои воридшуда (интродуксионӣ) Голден Делишес 13,9%, Фуджи 13,6, Ренети Симиренко 11,6, Старкримсон 11,2%, Айдаред 11,0 ва дар шаклҳои себи ёбоии Ҳ-30 то 14,2%, СЗ 14,4%, АИ-65 11,7%, АИ-33 16,4%-ро ташкил додааст. Ҳосилнокии баланд дар наъҳои маҳалии себ “Гулсеб” 43,0 кг, “Чарсаксеб” 54 кг, “Шакарсеб” 39 кг, “Тирамоҳӣ” 55,0 кг, “Рауфӣ” 37,0 кг ва навъҳои себи воридотии Фуджи 50,0 кг, “Старкримсон” 54 кг, “Голден Делишес” 52,0 кг, “Ренети Симиренко” 39,0 кг, “Айдаред” 37 кг ва шаклҳои ёбоии себ аз 18 то 23 кг/дарахт ба қайд гирифта шудааст.

Мавзуи таҳқиқотии интихобнамудаи муаллиф аз ҷиҳати муҳиммият, навгонии илмӣ ва арзиши амалӣ ба талаботи имрӯзаи соҳаи кишоварзӣ ҷавобгуй мебошад.

Чунин мешуморам, ки муаллиф Намозов Амонулло Каримхонович бо таҳқиқотҳои худ ба рушди илми соҳаи селексия саҳми арзанда гузоштааст. Кори диссертатсияи ӯ дар мавзуи «Омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор» ҷавобгӯй ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банди 7 «тартиб додани дараҷаҳои илмӣ» аст.

Аз ин рӯ муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.01.05 -Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

Мудири кафедраи меваю сабзавот
ва токпарварии факултети боғдорӣ
ва биотехнологияи кишоварзии
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур,
дотсент, номзади илмҳои кишоварзӣ,
аз руйи ихтисоси 06.01.01.- зироаткории
умумӣ, растанипарварӣ Қаландаров А.Ф.

E - mail: asliddin-1977@mail.ru
Тел: +992 934564657

Имзои Қаландаров А.Ф. -ро
тасдиқ менамоям.
Сардори таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, Абдуҳалимзода Н.А.

«19»«03» 2024

Суроға: 734003 шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ – 146, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур